Эй бандагони Ман! ҳамоно ман зулмро бар Худ ҳаром гардонидам ва онро дар байни шумо низ ҳаром гардонидаам

Аз Абузар (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст: Паёмбари Худо (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ривояте аз Аллоҳ Таборак ва Таоло меорад, ки Ӯ Таъоло мефармояд: "Эй бандагони Ман! ҳамоно ман зулмро бар Худ ҳаром гардонидам ва онро дар байни шумо низ ҳаром гардонидаам, пас ба ҳамдигар зулм накунед!. Эй бандагони Ман! ҳамаи шумо гумроҳед, магар касе, ки ӯро ҳидоят кардаам, пас аз Ман роҳи рост талаб кунед, то шуморо роҳнамоӣ кунам. Эй бандагони Ман! ҳамаи шумо гуруснаед, магар касе, ки ӯро таом додаам, пас аз Ман талаб кунед то шуморо бихуронам. Эй бандагони Ман! ҳамаи шумо бараҳнаед, магар касе, ки ӯро пӯшонидаам, пас аз Ман бихоҳед то шуморо бипӯшонам. Эй бандагони Ман! Шумо шабу рӯз хато мекунед ва Ман ҳастам, ки гуноҳонро мебахшам, пас аз Ман омӯрзиш биталабед, то шуморо биомурзам. Эй бандагони Ман шумо ҳаргиз наметавонед ба Ман зараре бирасонед ва ҳаргиз фоидае бар Ман наметавонед бирасонед. Эй бандагони Ман! Агар аз аввалин то охирини шумо, инс ва ҷинни шумо ҳама бар парҳезгортарин қалби фарде аз шумо (ҷамъ) оянд, ҳеҷ чизе дар мулки Ман намеафзояд. Эй бандагони Ман! Агар аз аввалин то охирини шумо ва инсу ҷинни шумо ҳама бар бадкирдортарин қалби як фарде аз шумо (ҷамъ) оянд ҳеҷ чизе аз мулки Ман кам намекунад. Эй бандагони Ман! агар аз аввалин то охирини шумо ва инсу ҷинни шумо ҳама дар як майдон (ҷамъ) оянд ва аз Ман хоҳиш кунанд ва ба ҳар яки шумо ончи мехоҳандро бидиҳам, ҳеҷ чизе аз мулки Ман кам намешавад, магар ба андозаи як сӯзан, ки дар баҳр фурӯ бурда шавад. Эй бандагони Ман! Ин амалҳои шумо аст, ки онҳоро барои шумо бармешуморам, сипас (подоши) онҳоро барои шумо комил медиҳам, пас ҳар кӣ хайр ва некӣ дарёфт Худоро ҳамд гӯяд ва ҳар кӣ ғайри онро дарёфт, ҷуз худаш касеро маломат накунад".

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён намуданд, ки Худованд мегӯяд Ӯ зулмро бар худ ҳаром гардонидааст ва ҳамингуна дар миёни бандагон низ онро ҳаром гардонидааст, то касе бар касе зулм накунад. Ҳама аз роҳи ҳақ гумроҳанд, магар бо ҳидоят ва тавфиқи Худовандӣ, ва ҳар кӣ аз Худованд ҳидоят ва тавфиқ бихоҳад, ӯро тавфиқ ва ҳидоят медиҳад, Ҳама фақир ва дар ниёзҳои худ муҳтоҷи Худованд ҳастанд ва ҳар кӣ барои рафъи онҳо аз Худо бихоҳад, Ӯ Таъоло ҳоҷатҳояшро бароварда ва ӯро басанда хоҳад буд. Онҳо шабу рӯз гуноҳ мекунанд ва чун аз Худованд талаби омӯрзиш ва пӯшиши гуноҳон кунанд, Худованд онҳоро мавриди омӯрзиш қарор дода гуноҳони онҳоро мепӯшонад, ва онон ҳеҷ зарар ва ё нафъе ба Худо расонида наметавонанд, Агар онҳо ҳамагон яксон ба монанди як парҳезгортарин фард бошанд, тақвои онҳо дар

мулки Худованд чизеро изофа нахоҳад кард, ва ҳамингуна агар ҳамаи онҳо яксон дар қалби як бадкирдортарин фард бошанд, кирдори онҳо чизе аз мулки Худованд кам намекунад, зеро онҳо ҳама нотавон, фақир ва ниёзманд ба Аллоҳ Таоло, дар ҳар замон ва макон ҳастанд ва Ӯ Таъоло бениёз аст. Агар ҳамаи онҳо - инсу ҷин ва аввалину охиринашон - дар як ҷой ҷамъ оянд ва аз Худованд бихоҳанд ва Ӯ Таъоло талаби тамоми онҳоро бароварда созад, чизе аз мулки Худованд кам намекунад, магар миқдори сӯзан ки дар баҳр андохта ва берун оварда мешавад, ки ин далели камоли бениёзии Ӯ Таъоло аст. Худованд амалҳои бандагонро ҳисоб ва назди Худ нигоҳ медорад ва дар рӯзи қиёмат подоши онҳоро ба пуррагӣ бармегардонад. Пас ҳар кӣ подоши амалашро нек ёфт, Аллоҳро барои тавфиқи тоаташ шукр гӯяд, ва ҳар кӣ подоши амалашро ғайри он ёфт, ҷуз нафси худ, ки ӯро ба сӯи зиёнкорӣ далолат мекард, касеро маломат накунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/4810